ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович дар мавзуи «Методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими омӯзгорони ояндаи фанни информатика», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Равандҳои технологӣ ба ҷараёни омоданамоии омӯзгорони ояндаи информатика як зумра мушкилот эҷод менамояд. Ҳамасола технологияҳои иттилоотии нави таълимӣ, ки татбиқи онҳо дарсро самара мебахшад, пайдо мегарданд. Талабот ба омӯзиш ва ба раванди таълим ворид кардани ин технологияҳо ба вуҷуд меояд, аз ин рӯ, ҳар омӯзгори информатика бояд дорои малакаҳои истифода аз технологияҳои навинро дар таълими худ дошта бошад. Дар диссертатсия зарурат ва талабот ба омӯзгори замони нав, яъне замони иттилоотонӣ нишон дода шуда, роҳҳо ва методҳои доро шудани омӯзгорони ояндаи информатика ба салоҳиятнокии иттилоотӣ ва ё маданияти иттилоотӣ, инчунин малакаҳои касбӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз мубрамияти кори таҳқиқотиро ташкил медиҳад.

Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович соли 2004 ба ихтисоси математикаи амалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дохил шуда, соли 2009 бо дипломи хубу аъло онро хатм мекунад.

Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович аз соли 2009 ба сифати омӯзгори кафедраи информатика ва техникаи ҳисоббарори донишгоҳи номбурда ба кор қабул карда мешавад. Соли 2019 аввалин маротиба мавзуъи кори илмӣ-таҳқиқотии худро бо номи «Методикаи истифодаи технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанни информатика (дар мисоли муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон)» дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, таҳти рақами 7, аз санаи 25.02.2019 тасдиқ менамояд. Бо сабаби зарурат ва қарори рақами 5-и шурои Олимони донишгоҳ, аз санаи 26.12.2023 дар мавзуи кори илмии довталаб тағйирот ворид мегардад.

Айни замон, Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович дар мавзуи «Методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими омӯзгорони ояндаи фанни информатика» диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) омода намудааст. Диссертатия дар назди кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика омода гардидааст. Давраи асосии иҷрои он солҳои 2019-2024-ро дар бар мегирад.

Ҳакимов А.М. имтиҳони номзадиро аз фанҳои хориҷӣ (англисӣ), фалсафа баҳои 4 (хуб) ва ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав супоридааст.

Диссертант дар як қатор конференсияҳои илмию амалӣ ва назариявию амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро оид ба бобҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст. Дорои 4 васоити таълимӣ-методӣ мебошад, ки бо усулҳои таълими информатика ва татбиқи ТИК дар раванди таълим алоқамандand.

Дар раванди таҳияи рисолаи номзадӣ Ҳакимов А.М. худро ҳамчун таҳқиқотчии фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи номзадии худ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияти кориаш ба нашр расидаанд, аз доираи фаъолияти ӯ дарак медиҳанд. Оид ба мавзуи рисолаи номзадӣ унвонҷӯ дар маҷмуъ 17 мақолаи илмӣ ва 1 барномаи таълимӣ ба нашр расонидааст, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, 13 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ азёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Ҷабҳаҳои таърихии воридшавии информатика ва технологияи иттилоотӣ ҳамчун фанҳои таълимӣ» оид ба ҷанбаъҳои таърихию назариявии воридшавии информатика ҳамчун илм ва фанни таълимӣ маълумот дода мешавад. Он аз се фасл иборат аст.

Дар ин боб раванди инкишофи технологияи компютерӣ, ки боиси пайдоиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мегардад баррасӣ шуда, асоснок карда мешавад, ки технологияи иттилоотӣ қисми таркибии информатика буда, маводи омӯзиши информатикаро таъмин мекунад. Инчунин оид ба маҷмуи хизматрасониҳои ТИК маълумот дода мешавад.

Дар боби дуюм «Аз муҳиммияти татбиқи ТИК дар раванди таълиму омӯзиши фанни информатикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» баррасӣ мегардад. Он аз чор фасл иборат аст. Дар фасли аввал аз бартариҳо ва норасоиҳои татбиқи ТИК ба таълим ва таъсири гуногуни татбиқи ТИК ба таълими информатика қайд гардида, шартҳои самаранок ташкил намудани дарси информатика бо истифода аз ТИК пешниҳод карда мешаванд.

Дар фасли дуюмии боби мазкур ба ТИК ҳамчун ба воситаи баландбардории ихтисоси омӯзгорони информатика баҳо дода мешавад. Маълум, ки омӯзгори имрӯзаи информатика аз Интернет барномаҳои компютерии таълимиро доимо барқарор ва нав мекунад ва бе ин таълим замонавӣ намешавад. Яъне технологияҳои иттилоотӣ ҳамарӯза иваз мешаванд ва манбаъи дастрасии ин технологияҳо Интернет мебошад.

Аз мақсади фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) баён гашта, зарурати омодагии омӯзгорони информатика ба татбиқи технологияҳои нави тезташаккулёбанда нишон дода мешавад. Инчунин, нишон дода мешавад, ки ҳар омӯзгори информатика бояд бо истифода аз воситаҳои омӯзишии Интернет ихтисоси худро такмил дода истад.

Фасли сеюми боби ду оид ба асосноккунии мавқеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён»

бахшида шуда, нишон дода мешавад, ки ТИК китобхонаи электронии иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ ва дар ин асос воситаи асосии таълими кредитӣ мебошад. Сабабҳои афзуншавии миқдори корҳои мустақилонаи донишҷӯён шарҳ дода шуда, исбот шудааст, ки барои иҷрои супоришҳои мустақилона таъминоти технологияҳои компютерӣ-шабакавӣ зарур аст.

Дар фасли чорумӣ доир ба хизматрасониҳо, вазифаҳо ва ҳолатҳои татбиқи ТИК дар раванди таълим баён гашта, аз мавқеъи Интернет, ки яке аз намудҳои ТИК аст, дар таълими омӯзгорони ояндаи информатика баҳо дода мешавад. Усули ҷустуҷӯии иттилоот мавриди баррасӣ қарор гирифта, намуди дарс таҳлил карда шуда, мавқеъи системаҳои ҷустуҷӯии иттилоот баён мегардад, инчунин оид ба методи ҷустуҷӯии иттилоот намунаи дарси методӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар боби сеюм, ки «Методҳои таълими информатика ва таҳлили самаранокии татбиқи ТИК дар фаъолияти педагогӣ» ном дорад ва аз шаш фасл таркиб меёбад, оид ба самаранокии методҳои гуногуни татбиқи ТИК дар таълими информатика маълумот дода мешавад.

Дар фасли аввали боби мазкур оид ба методҳои гуногуни таълим маълумот баррасӣ гардида, методҳои ҳозиразамони таълими информатика, аз ҷумла методҳои захираҳои электронӣ, барномавӣ, шабакавӣ ва намоишию тестӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Аз ҷумла мавқеи касбияти устодон дар самаранокии раванди таълимӣ баҳо дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки салоҳиятнокии иттилоотӣ, дараҷаи касбият ва методикаи устодон дар якҷоягӣ талаботи омӯзгори имрӯзаро қонеъ мегардонад. Таснифоти методҳои умумии таълими информатика оварда шуда, мавқеъи онҳо дар омода намудани омӯзгорони оянда пешниҳод мешавад. Нақши омӯзиши фанни методикаи таълими информатика (МТИ) дар ташаккули салоҳиятҳои муҳимтарини иттилоотии омӯзгорон ва донишҷӯён нишон дода шуда, маҷмуи салоҳиятҳои иттилоотии омӯзгорон баён карда мешавад.

Дар фасли дуюм оид ба мавқеъи воситаҳои мобиликунонии раванди таълим маълумот дода мешавад. Қайд мегардад, ки айни ҳол таҳсилоти моро мобилият идора мекунад ва барои як субъекти таълимӣ донишҳои назариявию амалии муассисаи таълимӣ басанда нест, вақте ки мо иттилоот ва маълумоти маҷмуавӣ, зиёд, зарурӣ ва саривақтию дастрасро ба таври мобилӣ дошта метавонем.

Дар фасли сеюми боби се методҳои интерактивӣ арзёбӣ шуда, намудҳои методҳои таълим шарҳ меёбад. Методҳои пассив, фаъол ва интерактивӣ шарҳ дода шуда, амсилаи графикии методҳои мазкур пешниҳод гардида, намунаи дарси интерактивӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар фасли чоруми боби мазкур таҳлили дарси намунавии интерактивии ба истифодаи ТИК асосёфта дода мешавад ва моҳияти таълими интерактивӣ асоснок гардида, амсилаи маърузаи интерактивии ба татбиқи ТИК дар таълим асосёфта сохта мешавад.

Дар фасли панҷум оид ба ташкили дарсҳо бо ёрии барномаҳои назоратӣ маълумот дода шуда, методикаи татбиқи барномаи шабакавии идоракунии аудитория (синф) пешниҳод карда мешавад. Ин ҷо доир ба якчанд барномаҳо ва усулҳои барқароркунии онҳо дар компютери фардӣ оварда мешавад, ки бо ёрии он

омӯзгорон аз ҷои нишаст амалиёти компютери субъекти таълимиро назорат, идора ва баҳогузорӣ карда метавонанд.

Дар фасли охирини боби сеюм натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогӣ тавсиф мегардад. Таҷрибаҳои педагогӣ дар ду муассисаи таълимии калони вилояти Хатлон – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шуданд. Натиҷаҳо дар шакли ҷадвалӣ ва диаграммаҳои миқдорӣ дар диссертатсия нишон дода шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсия Ҳакимов А.М. дар мавзуи «**Методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими омӯзгорони ояндаи фанни информатика**» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳо илмӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои физикаю математика,
дотсенти кафедраи системаҳои
автоматикунонидашудаи коркарди ахбор
ва шабакаҳои алоқаи МДТ «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Гулова М.Т.

04.06.2025

«Имзои Гулова М.Т. – ро тасдиқ менамоям».
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.